# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Сайдаҳмадзода Иброҳим Саймаҳмуд дар мавзуи **«Нақши моделсозии компютерии масъалаҳои таълими аз фанни механика ҷиҳати баланд бардоштани маҳорати касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ»**, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.02 – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (физика)).

**1.** ***Мутобиқати мавзу ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.*** Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Сайдаҳмадзода Иброҳим Саймаҳмуд дар мавзуи «Нақши моделсозии компютерии масъалаҳои таълими аз фанни механика ҷиҳати баланд бардоштани маҳорати касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» дар заминаи Феҳристи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯйи ихтисос дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, иҷро карда шуда, тибқи бандҳои шиносномаи ихтисоси 13.00.08 − Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.02 – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (физика) мувофиқат менамояд: банди 2. Асосҳои назариявии истифодаи технологияҳои нави педагогӣ ва системаҳои методии таълим дар асоси технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ, ки дар зинаҳои гуногуни таълими информатика рушди хонандаро таъмин менамояд; банди 3. Назарияи таҷрибаи пешқадам дар таълим ва тарбияи таълими физика; банди 9. Коркарди консепсияи методии мазмун ва раванди азхудкунии соҳаҳои таълим; банди 11. Масъалаҳои моделронии сохтор ва мазмуни курсҳои таълимӣ; банди 21.Назария ва методикаи истифодаи аёнияти техникии таълим даро соҳаҳои гуногуни дониш ва дар зинаҳои мухталифи таълим; банди 28. Асосҳои назариявию методологии коркард ва истифодаи таъмини илмӣ-методии системаҳои таълими педагогӣ, ки имконниятҳои иттилоотию коммунакатсиониро амалӣ мегардонад; банди 29. Масъалаҳои мураттабсозии мазмун, усулҳо ва шаклҳои ташкилкунии таълим

ва тарбия аз физика дар шароити муосири ҷамъияти иттилоот ва коммуникатсияи ҷаҳонишавӣ; банди 31. Коркарди восита ва системаи автоматкунонии раванди таҳлили натиҷаҳои эксперименти таълимию таҳқиқотӣ.

2. ***Мубрамии мавзӯи таҳқиқ.*** Дар марҳилаи муосири рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки хоси он ҷахонишавии равандҳои таълимӣ ва илмиву техникӣ мебошад, ислоҳоти низоми маориф ва таҳсилоти миллӣ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ эътироф гардидааст. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ба баланд бардоштани сифати таҳсилот, мутобиққунии он ба талаботи замони муосир ва омода намудани мутахассисони дар бозори дохилӣ ва берунии меҳнат рақобатпазир равона карда шудааст.

Дар ин замина, муҳимияти таҳқиқоти илмӣ дар ҷустуҷу ва татбиқи роҳу усулҳои самараноки таълим, хусусан дар самти таълими фанҳои дақиқ, махсусан физика, беш аз пеш афзоиш меёбад. Тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр намудаанд: «Солҳои 2020-2040 ҳамчун Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф эълон карда шудаанд», ки ин иқдом масъулияти муҳаққиқон ва муаллимони фанхои табиию риёзиро дар такмили усулҳои таълим ва арзёбии он дучанд менамояд.

Мутахассиси соҳаи технологияи пешрафта махсусан механикаро бодиққат меомӯзад. Ин аз он сабаб аст, ки механика барои рушди соҳаҳои инноватсионӣ асос ёфтааст. Механика дар асоси моделсозии математикӣ амалӣ карда мешавад, ки аксар вақт дар доираи курсҳои механика аз назари донишҷӯёни бе маълумоти техникӣ берун мемонад.

Диссертант И.С. Сайдаҳмадзода аз усули таълимӣ- моделсозӣ барои таҳия ва истифодаи онро коркард кардааст. Инчунин мавриди ҳалли

масъалаҳои механика аз модели компютерӣ ва алгоритмро истифода бурдааст.

Моделсозии компютерӣ ба муаллиф имконият додааст, ки ҷанбаҳои муҳимтарини вазифаҳои таълимро дар МТОК омузад.

Аз ин ҷо яке аз ҳадафҳои ассосии таълими фанни механика дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ кумак расонидан ба донишҷӯён дар рушди малакаҳои ҳалли мушкилот тавассути ҳамгироии назария ва амалия дар соҳаҳои гуногуни таълимӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, моделсозии компютерии масъалаҳои таълимӣ оид ба механика дар МТОК барои рушди касбииояндаи донишҷӯён муҳим ва мубрам аст.

3. ***Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.*** Дар диссертатсия навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, таҳлили методологии муаммо, истифодаи методҳои педагогӣ ва психологӣ, ки дар маҷму онҳо самаранокии бештарро таъмин месозанд ва ба вазифаҳои гузошташуда мантиқан дуруст мебошад, муайян карда шудаанд, чунинад:

- асосҳои назариявию методологии истифодаи моделсозии компютерии ҳамчун воситаи арзёбии қобилияти мутахассисони оянда барои ҳалли масъалаҳои механика дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ муайян карда шуд. Ин малака як ҷузъи ҷудонашавандаи салоҳияти касбӣ мебошад ва ба такмили худ мусоидат намуда, ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки малакаҳои худро тавассути эҷод ва такмил додани моделҳои компютерӣ пайваста инкишоф диҳанд;

**1.** Нақши хусусиятҳои саводнокии иттилоотӣ эҳтимолии модели компютерӣ таҳия карда шуд. Моделсозии компютерӣ ҷузъҳои гуногун, сатҳҳо, меъёрҳои рушд, натиҷаҳо ва марҳилаҳои равандро ба назар мегирад. Он ба усулҳои таълим, ки барои гузаронидани ҳалли масъалаҳои механика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода мешаванд, асос ёфтааст;

**2.** Афзалиятҳои истифодаи моделсозии компютерӣ барои ҳалли масъалаҳои механика баррасӣ карда шуданд, ки асоси ин маҷмӯ и талаботи техникии дар стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар соҳаи муҳандисӣ пешбинишуда мебошад;

**3.** Функсияҳои барномаҳои моделсозии компютерӣ ва таъиноти онҳо, ки аз татбиқи ҷузъҳои асосии моделҳои компютерии салоҳияти мутахассисони оянда дар ҳалли масъалаҳои механика иборат аст, ошкор карда шуданд;

**4**. Раванди муайян ва ҳалли масъалаҳои механика барои мутахассисониояндаи самти техникӣ ба усулҳои муосири моделсозии компютерӣ асос ёфтааст, ки ҷанбаҳои психологӣ , педагогӣ ва мантиқии тафаккури донишҷӯ ёнро дар фаъолияти касбии худ ба назар мегиранд ва ба рушди тафаккури алгоритмии онҳо мусоидат мекунад. Ин равиш ба донишҷӯ ён имкон медиҳад, ки моделсозии компютериро барои ҳалли масъалаҳо аз механика самаранок, дар доираи васеи шакл ва усулҳо таҳия карда, истифода намоянд;

**5.** Санҷиши саводнокӣ ва малака хуб ташкил карда шуда, ба таври возеҳ ва фаҳмо гузаронида шуд.

Бояд қайд кард, ки аз ҷониби И.С. Сайдаҳмадзода бори аввал нақши моделсозии компютерии масъалаҳои таълимӣ аз фанни механикаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, ки дастоварди илмӣ маҳсуб меёбад.

**4**. ***Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.*** Боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола пешниҳодгардида, бо консепсияи илмии педагогӣ, усулҳои назариявӣ ва эмпирикии таҳқиқот, инчунин таҳлили шароит ва натиҷаҳои корҳои озмоишию таҷрибавӣ, тасдиқи нуктаҳои дар фарзияи таҳқиқот пешниҳодгардида, истифодаи усулҳои таҳқиқоти илмии ба вазифаҳои марҳалаҳои асосии таҳқиқот мутобиқ ва таҷрибаи амалии муаллиф таъмин гардидааст. Онҳо дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Диссертант ба ақидае аст, ки системаи амалинамоии моделсозии математикӣ ва компютерӣ, фалсафӣ, психологӣ, педагогӣ тавассути истифодаи усулҳои муқосавӣ дар таълими фанни механика ҳамчун як системаи том дар худ муносибатҳои илмӣ ва методологӣ, принсипҳои таълим, амсилаи дидактикӣ ва мониторинги педагогиро муттаҳид намудааст. Дар ҳолати татбиқ гардидан ин системаи методӣ ба ташаккули салоҳиятнокии таълимии фанни механика барои донишҷӯён мусоидат мекунад. Дар ин васила, муаллиф иҷрои як қатор шартҳои педагогиро пешниҳод менамояд.

Муаллиф вобаста ба мавзуҳои фанни механика шарҳи моделсозии математикӣ ва компютерирро коркард намудааст.

Заминаи эмпирикии таҳқиқоти мазкур ба методҳои назариявӣ ва эмпирикӣ, инчунин натиҷаҳо ва коркарди маълумотҳои озмоишӣ асос ёфтааст.

5. ***Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.*** Тахкикоти диссертатсионӣ аз се боб иборат буда, аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии кор», «Хулосаҳои умумӣ». «Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия», «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», «Номгуи адабиёт» «Феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда», «Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ» иборат аст.

Ҳаҷми умумии диссертатсия дар 182 саҳифаи чопи компютерӣ дарҷ шуда, дорои 5 ҷадвал ва 19 расм мебошад. Рақамгузории расму ҷадвалҳо барои ҳар боб алоҳида аст. Руйхати адабиёт аз 196 номгуй иборат мебошад.

Дар муқаддима аҳамияти мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, ҳадафу вазифахо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудааст.

**Боби якуми диссертатсия** «Асосҳои назариявии моделсозии математикӣ ва компютерии масъалаҳои таълими механика ва нақши он дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ» ном дошта, аз панҷ зербоб

иборат мебошад. Дар зербоби якум масъалаҳои асосии назариявии моделсозии математикӣ ва компютерии масъалаҳои таълими механика дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ баён мегардад. Зербоби дуюм усули намунавӣ ё таълими ҳалли масъалаҳо аз механика дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бахшида шудааст. Дар зербоби сеюм таҳқиқоти моделсозӣ барои таълими масъалаҳои механика дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ оварда шудааст. Дар зербоби чорум муайян кардани нақши моделсозии математикӣ ва компютерӣ дар ҳалли масъалаҳои таълими механика пешниҳод гардидааст. Дар зербоби панҷум муайян кардани хусусиятҳои хоси истифодаи моделсозии математикӣ ва компютерӣ дар ҳалли масъалаҳои таълими механика дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ қайд мегардад.

**Дар боби дуюм**, ки «Усули амалигардонии моделсозии компютерӣ ҳамчун воситаи инкишофи малака ва маҳорати касбии донишҷӯён дар таълими фанни механикаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» номгузорӣ шудааст ва аз шаш зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якум амалигардонии шакл ва методҳои моделсозии математикӣ ва компютерӣ дар ҳалли масъалаҳои таълими механика оварда шудааст. Зербоби дуюм ба нақши моделсозии компютерии масъалаҳои таълими механика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бахшида шудааст. Зербоби сеюм бошад, шаклҳо ва методҳои амалигардонии моделсозии компютерии ҳалли масъалаҳои таълимӣ аз фанни механикаро дар бар мегирад. Зербоби чорум аз вижагиҳои ташаккул додани маҳорату малакаҳои таълимгирандагони МТОК зимни корбурди моделсозии компютерӣ иборат аст. Дар зербоби панҷум ташаккул додани тафаккури алгоритмӣ оид ба таълими фанни механика оварда шудааст. Дар зербоби шашум ташаккул додани фаъолияти эҷодии донишҷӯён дар ҳалли масъалаҳои таълимӣ аз фанни механика, қайд гардидааст.

**Боби сеюм** номи мавзӯъи «Асосҳои моделсозии компютерии масъалаҳои таълимии механика ва озмоишҳои педагогӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ» -ро доро буда, аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби якум шарҳи назариявии асосҳои моделсозии компютерии масъалаҳои

таълимии механика дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ қайд карда шудааст. Зербоби дуюм бошад, ба гузаронидани озмоишҳои педагогӣ ва натиҷагирӣ аз он бахшида шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки дар ҷараёни омӯзиши моделсозии математикӣ ва компютерӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ байни талаботҳои ҷомеаи муосир ба мутахассисони ояндаи самти техникӣ ва таъмини самти касбии таълими модел ва моделсозӣ номувофиқатӣ вуҷуд дорад.

Аз ин рӯ, дар диссертатсия салоҳиятҳои махсусеро муайян карда шудааст, ки бояд дар донишҷӯёни муҳандисӣ дар ҷараёни омӯзиши курси механикаи фанни физика бо истифода аз усули моделсозии математикӣ ва компютерӣ таҳия карда шаванд.

Хулоса аз 6 банд иборат буда, заминаи назариявӣ ва амалӣ барои татбиқи усулҳои амалигардонии шакл ва татбиқи моделсозии компютерӣ дар ҳалли масъалаҳои таълимӣ аз механика баррасӣ карда шуданд, ки асоси ин маҷмӯи талаботи техникии дар стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар соҳаи муҳандисӣ пешбинишуда мебошад. Моделсозии таълими механика дар муассисахои тахсилоти МТОК фароҳам оварда, барои баланд бардоштани сифати таълим ва рушди қобилияти шахсии хонандагон мусоидат мекунад.

6. ***Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.*** Арзиши назариявии таҳқиқот дар он аст, ки назария ва методикаи фанҳои табиӣ(физика) бо нуктаҳои муҳимми назариявии зерин ғанӣ гардонида шудааст: муҳтаво ва моҳияти мафҳуми «нақши моделсозии компютерии масъалаҳои таълимӣ аз фанни механика» аниқ карда шуд; афзалиятҳои баназаргирии системаи принсипҳои дидактикӣ (принсипи тасаввуроти ягона оид ба Олам, принсипи ташкили системавии муҳтавои фанни механика, принсипи фаъолият дар раванди ҳалли масъалаҳои механикӣ, принсипи пайвасти оптималии самти бунёдӣ ва касбии фанни механика, принсипи

фаъолнокӣ, принсипи бефосилагӣ, принсипи эҷодиёт, ки асосҳои назариявии системаи методии амалинамоии муносибати босалоҳиятро дар баланд бардоштани сифати тайёрии касбии донишҷӯён муайян мекунад, исбот карда шуд; меъёрҳои арзёбии сатҳи ташаккулёбии салоҳиятнокии донишҷӯён дар раванди омӯзиши фанни механика, ки асосҳои назариявии ташхиси маҷмуии натиҷаҳои таҳсилоти муосирро тибқи СДТОК ғанӣ мегардонад, муайян карда шуданд.

Таҳлил ва фаҳмиши чуқури моҳияти усулҳои амалигардонии шакл ва татбиқи моделсозии компютерӣ дар ҳалли масъалаҳои таълими механика аз ҷониби муаллиф имкон дод, ки роҳҳои ташкили таълими салоҳиятнокии фанни механикаро дар мактабҳои олӣ муайян карда шаванд ва аз нуқтаи назари илмӣ хулосаҳои ҷолиб ва муфид ҳосил шаванд. Хулоса ва тавсияҳои матраҳгардида на танҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, балки дар дигар зинаҳои таҳсил низ бомуваффақият метавонанд истифода шаванд, ки ин аҳамияти амалии таҳқиқоти гузаронидашударо собит менамояд.

Яке аз афзалиятҳо ва арзиши амалии диссертатсия дар он аст, ки муаллиф маҷмуи мисолу масъалаҳои бар ташаккули нақши моделсозии компютерии масъалаҳои таълими фанни механика нигаронидашуда ва самти амалидоштаро таҳия намуда, дар таҳқиқоти озмоишӣ истифода бурдааст. Ин маҷмуа дар намуди дастури методӣ низ аз чоп баромадааст.

Муаллифи диссертатсия қайд намудааст, ки истифодаи мунтазами маҷмуи супоришҳои махсус дар машғулиятҳои фанни механика, ки ба инкишофи имконият ва қобилиятҳои маърифатӣ равона карда шудаанд, доираи ҷаҳонбиниии фанни механика донишҷӯёнро васеъ мекунад, ба рушди таҳсилоти касбӣ мусоидат мекунанд, ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки дар ҳалли мушкилоти ҳаррӯза ва касбӣ бо боварии том амал намоянд ва донишҳои механикаро дар ҳаёти ҳаррӯза фаъолона истифода баранд.

Таҳқиқи муаммои инкишофи нақши моделсозии компютерии донишҷӯён дар раванди таълими фанни механика аҳаммияти иқтисодӣ ва ҳам иҷтимоӣ дорад, зеро бевосита бо омоданамоии мутахассисони баландпоя, ки

қобилияти ҳал кардани масъалаҳои мураккабро дар ҷаҳони муосир доранд, иртибот дорад. Инкишофи нақши моделсозии компютерии донишҷӯён ба ташаккули мутахассисони дар бозори меҳнат рақобатпазир, ки қобилияти ба иқтисодиёти кишвар рушдбахширо доранд, имконият фароҳам месозад. Илова ба ин, соҳаи технологияҳои баланд ба мутахассиси босалоҳият ниёз дорад. Зеро солҳои охир иқтисодиёт беш аз пештар аз зеҳни сунъӣ, таҳлили маълумот, навсозии донишҳо ва ғайра вобастагӣ дорад.

Аҳаммияти иҷтимоии таҳқиқоти мазкур дар он аст, ки омӯзиши механика тафаккури донишҷӯёнро барои баланд бардоштани сатҳи шуурнокӣ, масъулиятшиносӣ ва дигар хусусиятҳои шахсии аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимро дар ҷамъият инкишоф медиҳад.

7. ***Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯи мавзуи диссертатсия.*** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 15 адад таълифоти муаллиф вобаста ба мавзуи таҳқиқот инъикос ёфтаанд. Дар байни ин таълифот 7 номгуйи он дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 8 номгуйи он дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ва дар нашрияҳои дигар ба табъ раонидааст.

8. ***Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.*** Автореферати, ки диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ба тавсиб расидааст ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (бандҳои 1, 2 ва 3), ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, №3 тасдиқ шудааст, ба расмия дароварда шуда, ба талабот ҷавобгӯ мебошад.

Дар автореферати диссертатсия мубрамии таҳқиқоти мазкур асоснок карда шуда, мақсадҳои он дақиқ баён гардидаанд. Инчунин, дар автореферат

методҳои таҳлили назариявӣ ифода ёфта, эътимоднокӣ, навгонии илмӣ ва аҳаммияти амалии натиҷаҳо асоснок гардидаанд.

Дар автореферат нуқтаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшаванда, маълумот оид ба тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссератсия, шарҳи мухтасари furobоҳои диссератсия ва натиҷаҳою хулосаҳои кори диссератсионӣ пешниҳод карда шудаанд. Автореферат ва таълифоти муаллиф муҳтавои диссератсияро пурра инъикос менамоянд.

Бо вуҷуди баҳои мусбате,ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлои граматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавонд ҷудо намуд:

1. Дар рисола мувофиқи мақсад мешуд, агар шакл ва усулҳои робита ва ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти олӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба татбиқи ҳалли масъалаҳо аз фанни механика таҳқиқ мегардид.

2. Дар боби сеюми рисола таҳлили натиҷаи гузаронидани озмоишҳои педагогӣ баррасӣ гардидаст. Ҳамагӣ 3 ҷадвал ва 3 диаграмма (100 балла) оварда шудааст, ки арзёбии сифати донишҷӯён таҳлили он оварда нашудааст.

3. Дар раванди таҳқикот 149 нафар донишҷӯ ва 8 нафар омӯзгорон, 5 ҷадвалу 19 расм баррасӣ гардида, аммо таҳлили оморӣ дида нашудаст.

4. Бештари масъалаҳои интихоб гардида аз механикаи лапишҳо ва энергия иборат буда, хуб мешуд, ки дигар мавзӯҳои механика низ таҳлили худро меёфт.

Нуктаҳои баёншуда танҳо пешниҳод буда, ҳаргиз арзиши назариявӣ ва амалии рисолаи мавриди назарро коҳиш намедиҳад.

Хулоса. Ба фикри банда дар кори диссертатсионии Сайдаҳмадзода Иброҳим Саймаҳмуд «Нақши моделсозии компютерии масъалаҳои таълими аз фанни механика ҷиҳати баланд бардоштани маҳорати касбии донишҷӯёни

муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08- Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.02 – Назария ва методикаи фанҳои табиӣ (физика)) проблемаи воқеии илмӣ оид ба масъала ҳал карда шудааст.

Диссертатсия дар маҷмӯъ бо мубрамӣ, навоварии илмӣ ва аҳамияти амалӣ, мундариҷа ва ҳаҷм, эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада, дурустии муқаррарот ва хулосаҳои илмӣ ба талаботи пешбинишудаи бандҳои 10-16-уми «Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ», ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» ва «Тартиби бақайдгирии давлатии рисолаҳои илмии ҳимояшуда»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ карда шудааст ва муаллифи он сазовори дарёфти илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.


**Муқарризи расмӣ:**

доктори илмҳои физика ва математика, профессори
кафедраи физикаи тиббӣ ва биологӣ бо асосҳои
технологияи информатсионии Муассисаи давлатии
таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон
ба номи Абуалӣ ибни Сино» Шерматов Д. С.

Суроға: 734025, шаҳри Душанбе, ҶТ, Хиёбони Сино 29-31
Телефони моб: (+992 91904.49.48.
Почтаи электронӣ: erkin_Sermatov@list.ru


имзои/подпись Шерматов Д.С-ро
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ РРК/
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК
«15» 11 2025 с/г